Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 11 (4594) | СЕШАНБЕ, 10 ЯНВАРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## МУБОДИЛАИ НОМАҲОИ ШОДБОШӢ

**Ҳафтуми январи соли 2023 миёни Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев ба муносибати 30-юмин солгарди барпо намудани робитаҳои дипломатии ҳар ду кишвар мубодилаи номаҳои шодбошӣ ба амал омад.**

**Дар номаи шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба унвони Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев омадааст:**

**«Муҳтарам Қосим-Жомарт Кемелевич!**

Ба муносибати рӯйдоди хотирмон дар таърихи навтарини робитаҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон – 30 - солагии барпо намудани муносибатҳои дипломатӣ миёни давлатҳои мо бо камоли фараҳмандӣ ба Шумо ва мардуми бародари Қазоқистон табрикоти самимӣ ва таманниёти беҳтарини ин ҷонибро ирсол менамоям.

Ҷониби Тоҷикистон натиҷаҳоеро, ки кишварҳои мо тӯли ин давра дар роҳи таҳкиму тавсеаи робитаҳои дӯстӣ ба даст овардаанд, хеле арзишманд медонад. Дар ин зимн асосҳои боэътимоди шартномавию ҳуқуқӣ ва василаҳои муассири танзими ҳамкории байнидавлатӣ ба вуҷуд оварда шудаанд. Боиси хушнудист, ки муносибатҳои ҳамкории мо бо такя ба ин заминаи мустаҳкам ва усулҳои халалнопазири эътимоду эҳтироми якдигарӣ ва шарикии стратегӣ имрӯзҳо дар ҳамаи самтҳо бо суръати баланд рушд ёфта истодаанд.

Бовар дорам, ки мо мутобиқ ба манфиатҳои аслии мардумонамон минбаъд низ ҷиҳати ба сатҳи боз ҳам баландтар баровардани ҳамкориҳои амалии мутаносибан судманди ҷонибҳо саъю талоши муштарак ба харҷ хоҳем дод.

Аз самими қалб ба Шумо, муҳтарам Қосим-Жомарт Кемелевич, сиҳатмандии бардавом ва дар фаъолияти давлатиатон комёбиҳои бузург, ба мардуми дӯсти Қазоқистон сулҳу пешрафти устувор ва шукуфоӣ орзумандам».

**Дар номаи шодбошии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев ба унвони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфта шудааст:**

**«Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон!**

Табрикоти самимии маро ба муносибати 30-солагии барпо намудани муносибатҳои дипломатӣ миёни Қазоқистон ва Тоҷикистон қабул фармоед.

Дар тӯли солҳои сипаришуда кишварҳои мо робитаҳои байнидавлатии гуногунҷанба ва мутаносибан судмандро роҳандозӣ намудаанд, ки дар рӯҳияи шарикии, воқеан, стратегӣ бемайлон таҳким ёфта истодаанд.

Муколамаи ошкорову боэътимод дар ҳамаи сатҳҳо, рушди босуръати ҳамкорӣ дар соҳаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва фарҳангиву гуманитарӣ, ҳамчунин, ҳамкориҳои бомуваффақияти ҳар ду кишвар дар арсаи байналмилалӣ далели ин гуфтаҳо мебошанд.

Марҳилаи навро дар таърихи муносибатҳои дуҷонибаамон ҳусни оғоз бахшида, омодагии худро барои кори зичи муштарак бо Шумо ҷиҳати ба сатҳи боз ҳам баландтар баровардани ҳамкории Қазоқистон ва Тоҷикистон бори дигар таъкид менамоям.

Ба Шумо, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар фаъолияти давлатии пурмасъулатон комёбиҳои минбаъда ва ба мардуми бародари Тоҷикистон некуаҳволӣ ва шукуфоӣ орзумандам».

## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ

**Ҳафтуми январи соли 2023 суҳбати телефонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Жомарт Токаев баргузор гардид.**

Дар оғоз сарони давлатҳо ба муносибати 30-солагии истиқрори муносибатҳои дипломатӣ миёни Тоҷикистон ва Қазоқистон ҳамдигарро табрик гуфтанд.

Президентҳо бо изҳори қаноатмандӣ сатҳи баланди муносибатҳои дуҷонибаро, ки бар пояи анъанаҳои неки дӯстӣ, эҳтиром ва эътимоди байниҳамдигарӣ асос ёфтаанд, таъкид карданд.

Ҷонибҳо тамоюли рушди афзояндаи шарикии стратегии Тоҷикистону Қазоқистонро дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ ва фарҳангиву гуманитарӣ, ҳамчунин ҳамкории зичи ҷонибҳоро дар арсаи амниятӣ ва дар чорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ, баланд арзёбӣ намуданд.

Мавриди зикр аст, ки Қазоқистон яке аз шарикони асосии тиҷоратии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Ҳиссаи он дар тиҷорати хориҷии кишвари мо аз рӯи натиҷаҳои 11 моҳи соли сипаришуда 19,6 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ин замина роҳбарони Тоҷикистон ва Қазоқистон роҳҳои тавсеаи минбаъдаи робитаҳои гуногунҷанбаи ҳар ду кишварро, пеш аз ҳама, тавассути ғанӣ гардонидани ҳамкории амалӣ бо мазмуну муҳтавои мушаххас, мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар ҷараёни суҳбат мубодилаи афкор атрофи масъалаҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ сурат гирифт.

www.president.tj

Шарҳи қонун

## САМТИ НАВИ ФАЪОЛИЯТ ВА ДАСТОВАРДИ АРЗАНДАИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ

**Пӯшида нест, ки баъзеҳо дар бораи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ маълумоти кофӣ надоранд ва маҳз ин то ҷое боиси ба миён омадани андешаҳои нодуруст мегардад. Ҳуқуқэҷодкунӣ, чунонки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» шарҳ дода шудааст, фаъолияти расмии субъекти ҳуқуқэҷодкунанда оид ба таҳия, қабул, интишор ва қатъи амали санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошад**

Ба ибораи дигар, раванди эҷоди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки аз таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ оғоз ёфта, минбаъд зинаҳои баррасӣ, қабул, интишор ва қатъи ин санади меъёрии ҳуқуқиро дар бар мегирад, фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро пурра фаро мегирад. Ҳамин тавр, марҳилаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул, интишор ва қатъи амали он, яъне беэътибор донистани санади меъёрии ҳуқуқӣ, дар маҷмӯъ фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро ташкил медиҳанд. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба танзим дароварда шудааст, ки бори аввал 13-уми ноябри соли 1998 тасдиқ ва тӯли 19 соли охир, бо дарназардошти воқеаҳои муҳими таърихӣ дар ҳаёти халқ, пайдоиш ва рушди муносибатҳои нави ҷамъиятӣ се маротиба дар таҳрири нав қабул гардид. Бори охир соли 2017 дар таҳрири нав қабул карда шуд ва бисёр масъалаҳои баҳсталаб дар он ҳалли худро ёфтанд. Он аз 96 модда иборат буда, 26 моддаи он бевосита ба масъалаҳои тартиби таҳия, қабул, интишор ва қатъи амали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бахшида шудааст.

Маълум аст, ки фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ тавассути субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда амалӣ карда мешавад. Зикр кардан бамаврид аст, ки то қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар таҳрири нав (соли 2017) дар моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» (таҳрири соли 2009) ба номгӯи субъектони ҳуқуқэҷодкунанда халқи Тоҷикистон, ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти давлатӣ, Маҷлиси вакилони



халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, Маҷлиси вакилони халқи шаҳрҳо ва ноҳияҳо, раисони шаҳрҳо ва ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ворид буданд.

Айни ҳол тибқи муқаррароти қисми 1 моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», ки дар таҳрири нав қабул гардид, мушаххас карда шуд, ки субъектони ҳуқуқэҷодкунанда халқи Тоҷикистон, ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, Маҷлиси вакилони халқи шаҳрҳо ва ноҳияҳо, раисони шаҳрҳо ва ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мебошанд. Пешсафи ин раванд парлумон аст. Ваколати мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор - Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун субъекти ҳуқуқэҷодкунанда Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд. Аз ҷумла, моддаҳои 60 ва 61 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 59 ва 60 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар менамоянд, ки қонунҳоро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул менамояд.

(Давомаш дар саҳ. 3)






## МУЛОҚОТИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН

**Тавре қаблан иттилоъ додем, аз 30-юми декабри соли 2022 то 8-уми январи соли 2023 вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо интихобкунандагон вохӯрда, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки 23-юми декабри соли 2022 ироа гардид, шарҳу эзоҳ доданд.**

**Дар доираи чунин нақша - чорабиниҳо Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо интихобкунандагон дар ноҳияҳои Нуробод, Рашт, Сангвор, Тоҷикобод ва Лахш мулоқот намуд.**

Маҳмадтоир Зокирзода зимни мулоқот иброз намуд, ки дар Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастовардҳои соли 2022, вазифаҳои навбатӣ барои соли 2023 ва ҳадафу мақсадҳои барномавии мамлакат бароиояндаи наздик муқаррар гардид.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қаноатмандӣ иброз доштанд, ки ба шарофати заҳмати содиқонаи мардуми кишвар раванди созандагиву ободкорӣ бомаром идома ёфта, нақшаву барномаҳои пешбинигардида ҷиҳати таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакат ҳадафмандона амалӣ карда шуданд.

Сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ кардани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт. Аз ҷумла, соли 2022 корҳо ҷиҳати устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, фаъолияти босуботи низоми бонкӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ, беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ тақвият пайдо карда, рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи 8 фоиз таъмин карда шуд.

Зимнан, таъкид гардид, ки дар панҷ соли охир сатҳи некуаҳволии мардум тадриҷан баланд шуда, даромади пулии аҳолӣ аз 41,1 миллиард сомонии соли 2018 ба 87 миллиард сомонӣ дар соли 2022 расонида шуд, яъне 2,1 баробар зиёд гардид. Музди миёнаи меҳнат дар кишвар якуним баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,3 баробар афзоиш ёфт.

Таъкид шуд, ки дар давраи солҳои 2018-2022 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 842 бинои муассисаи таълимӣ барои 382 ҳазор хонанда, аз ҷумла дар соли 2022-юм 190 бинои таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда, сохта, ба истифода дода шудааст.

Маҳмадтоир Зокирзода зикр кард, ки дар 31 соли истиқлолияти давлатӣ 3430 муассисаи нави таълимӣ барои қариб якуним миллион хонанда сохта, ба истифода дода шуд. Ҳол он ки дар 70 соли то замони истиқлолият ҳамагӣ 3229 муассисаи таълимӣ бунёд гардида буд.

Ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар 2 миллиону 300 ҳазор хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Соли 1991 ин нишондиҳанда ҳамагӣ 1 миллиону 325 ҳазор нафарро ташкил медод.

Ҳамчунин, таъкид шуд, ки агар то соли 1991 дар мамлакат ҳамагӣ 2862 муассисаву иншооти тандурустӣ бо фарогирии 52 ҳазору 800 корманд фаъолият дошта бошад, пас дар даврони соҳибистиқлолӣ, хусусан дар 25 соли охир, 2827 муассисаву иншооти тандурустӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

Ҳамчунин, дар панҷ соли охир шумораи қарзгирандагон аз 564 ҳазори соли 2018 то ба 2 миллиону 336 ҳазор дар соли 2022 расида, 4,1 баробар афзоиш ёфтааст, ки фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ ва соҳибкоронро нишон медиҳад. Дар ин давра қарзҳои додашуда 55 миллиард сомониро ташкил кард, ки 36 фоизи он ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд.

Ҳар қадар ки аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ ба аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидор қарзҳои дастрас зиёд пешниҳод карда шаванд, суръати рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳамон қадар баланд мегардад. Бо ин мақсад Пешвои миллат Бонки миллиро вазифадор намуданд, ки якҷо бо Вазорати молия, БДАТ «Амонатбонк» ва «Саноатсодиротбонк» ҷиҳати ҳавасмандгардонии пасандозгузорон ва паст намудани фоизи қарзҳои ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, махсусан, ба соҳибкории истеҳсолӣ пешниҳодшаванда, инчунин, бо фоизи дастрас афзоиш додани пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ чораҷӯӣ намоянд,- иброз намуд Маҳмадтоир Зокирзода.

Ҳамчунин зикр шуд, ки дар доираи сиёсати пешгирифтаи Давлату Ҳукумат доир ба дастгирии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар замони соҳибистиқлолӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида, дар ин самт барои соҳибкорон имтиёзу сабукиҳои зиёд ҷорӣ шуданд. То имрӯз ба онҳо беш аз 120 навъи имтиёзу сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод гардида, шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз чор адад ба як адад расонида шуд ва хизматрасонӣ бошад, дар ин самт ба таври ройгон ба роҳ монда шуд.

Соли 2022 маблағи имтиёзҳои андозиву гумрукии истифодагардида зиёда аз 12 миллиард сомониро ташкил дода, аз ҳисоби паст ва бекор кардани меъёрҳои панҷ намуди андоз зиёда аз 1,5 миллиард сомонӣ ҳамчун дастгирӣ дар ихтиёри субъектҳои соҳибкорӣ боқӣ мемонад.

Маҳмадтоир Зокирзода, ҳамчунин, гуфт, ки бо мақсади идома додани ислоҳоти соҳа ва танзими муносибатҳои иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ пешниҳод гардид, ки дар ин самт қонунгузории соҳа такмил дода шуда, муносибатҳои зикргардида дар доираи як санади меъёрии ҳуқуқӣ танзим ва шумораи онҳо то 60 фоиз ихтисор карда шавад.

Раиси Маҷлиси намояндагон роҷеъ ба рушди саноат ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа ибрози назар карда, афзуд, ки дар Паём, ҳамчунин, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид гардид, ки тадбирҳои дар самти рушди саноат ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа андешидашуда имкон фароҳам оварданд, ки дар панҷ соли охир афзоиши номгӯи маҳсулоти саноатии истеҳсоли ватанӣ ба зиёда аз 40 фоиз расонида шавад. Дар ин давра 1382 коргоҳу корхонаи саноатӣ бо таъсиси 15 ҳазор ҷойи кори нав мавриди истифода қарор дода шуд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

(Идома аз саҳ. 1)

# МУЛОҚОТИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН

Танҳо соли сипаришуда беш аз 500 коргоҳу корхонаи истеҳсолӣ бо 6 ҳазор ҷойи нави кор ба фаъолият оғоз карданд ва барои то 43 миллиард сомонӣ афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2022 мусоидат намуданд.

Маҳмадтоир Зокирзода, таъкид намуд, ки бо мақсади расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самараноки неруи барқ дар идомаи корҳои дар солҳои соҳибистиқлолӣ баанҷомрасида ҳоло татбиқи боз 20 лоиҳа ба маблағи 17 миллиард сомонӣ идома дорад.

Маҳз бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди 50 соли фаъолият агрегати якуми Неругоҳи барқи обии «Норак» пас аз таҷдид бо харҷи беш аз 800 миллион сомонӣ бо тавоноии 375 мегаватт моҳи октябри соли 2022 мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Бо пурра ба анҷом расидани корҳои таҷдиду азнавсозӣ ва муҷаҳҳазгардонӣ бо таҷҳизоту технологияҳои муосир ба НБО «Норак» умри дубора бахшида шуда, иқтидори кории он иловатан 775 мегаватт зиёд мегардад.

- Пешвои миллат дар самти татбиқи ҳадафи дигари стратегии давлат - аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани кишвар ва ба давлати транзитӣ табдил додани он бо қаноатмандӣ иброз намуданд, ки бо мақсади беҳтар намудани вазъи роҳу шоҳроҳҳои мошингард ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон дар панҷ соли охир дар соҳаи нақлиёт 13 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 5 миллиарду 130 миллион сомонӣ амалӣ гардида, дар натиҷа 250 километр роҳҳои мошингард, 42 пул, чор долон ва якчанд эстакада бунёд карда шуданд, - гуфт Маҳмадтоир Зокирзода.

Зикр гардид, ки корҳои дар соҳа анҷомдодашуда имконият фароҳам оварданд, ки Тоҷикистон дар зарфи чор соли охир, тибқи арзёбии Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ, дар раддабандии ҷаҳонии сифати роҳҳо дар байни 138 давлати ба таҳқиқот фарогирифташуда зинаи 50-умро устувор нигоҳ дорад.

Ҷиҳати идомаи таҷдиду навсозии роҳҳо ва тақвияти имкониятҳои транзитии кишвар соли 2022 татбиқи се лоиҳаи сармоягузорӣ, аз ҷумла таҷдиди як қисми роҳи мошингарди Данғара – Бохтар (29 километр) ва роҳи мошингарди Душанбе – Кулма дар қитъаи Қалъаихумб – Ванҷ – сарҳади ноҳияи Рӯшон (93 километр), оғоз гардид.

Илова бар ин, соли 2023 татбиқи панҷ лоиҳаи дигар, аз ҷумла сохтмони роҳҳои мошингарди Гулистон - Кӯлоб (32,5 километр), Данғара - Гулистон (49,2 километр), Гулистон - Фархор (40 километр), Бохтар - Левакант - Данғара (40 километр), 4 қитъаи роҳ дар вилояти Суғд (52 километр) ва сохтмони пулҳо дар болои дарёҳои Ғунд, Шорфдарё ва долонҳо дар минтақаи Барсем (4,6 километр) дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, оғоз мегардад.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба таъмини амнияти озуқаворӣ дар Паём изҳори андеша карда, иброз намуд, ки Пешвои миллат бо назардошти вазъи ҳассоси ҷаҳони имрӯза, бахусус ба танқисии шадиди озуқаворӣ дучор гардидани чоряки кишварҳои дунё, таъкид доштанд, ки ҷиҳати таъмин намудани ҳадафи стратегиамон – таъмини амнияти озуқаворӣ тадбирҳои иловагӣ андешем.

Солҳои охир, бо вуҷуди таъсири манфии омилҳои берунӣ, пайи ҳам омадани хушксолӣ ва маҳдудсозии содироти озуқаворӣ аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон маҳз бо заҳмати шабонарӯзии кишоварзони мамлакат амнияти озуқаворӣ ва фаровонии бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда шуд. Дар натиҷа тайи панҷ соли охир суръати рушди солонаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7 фоиз нигоҳ дошта шуда, 1,4 баробар афзоиш ёфт.

Маҳмадтоир Зокирзода дар хусуси рушди сайёҳӣ низ ибрози андеша кард, ки дар панҷ соли охир ба кишвари мо беш аз 3,9 миллион нафар, аз ҷумла соли 2022-юм 1 миллион нафар сайёҳ ворид гардиданд. Дар ин давра барои пешниҳоди хизматрасонӣ ба онҳо беш аз 600 ва танҳо соли 2022-юм 100 иншооти инфрасохтори сайёҳӣ мавриди истифода қарор дода шудааст.

Ҳамчунин, хотирнишон карда шуд, ки Тоҷикистон аз 1-уми январи соли 2022 ҷиҳати ҷалби бештари сайёҳон ва сармоягузорони хориҷӣ барои шаҳрвандони 52 кишвари хориҷӣ иқдоми яктарафаи воридшавии бидуни раводидро ҷорӣ намуд.

- Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳанӯз аз оғози соҳибистиқлолӣ пешрафти бомароми соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа – ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, илму маориф, тандурустӣ ва фарҳангро яке аз самтҳои асоситарин ва афзалиятноки сиёсати худ қарор дода, барои расидан ба ин ҳадафҳо ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ карда истодааст. Пешвои миллат бо мақсади дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ба Ҳукумати мамлакат супориш доданд, ки ҷиҳати аз 1-уми июли соли 2023 то соли 2025 ҳар сол зиёд кардани андозаи кумакпулии унвонии иҷтимоӣ барои оилаҳои камбизоат, яъне аз 512 сомонии амалкунанда то 836 сомонӣ ва иловатан барои ҳар як кӯдаки оилаҳои мазкур мутобиқан (яъне давра ба давра то соли 2025) ба ин давра аз 34 сомонӣ то 152 сомонӣ ҷудо кардани маблағҳо чораҷӯӣ намояд, - гуфт Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

- Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки рушди устувор ва босуръати мамлакат, махсусан амалӣ намудани стратегияҳо, барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуҳлати кишвар, тақозо менамояд, ки заминаҳои ҳуқуқии онҳо сари вақт ва босифат таъмин карда шаванд. Ин вазифа аз мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, пеш аз ҳама, аз парламенти кишвар талаб менамояд, ки фаъолиятро ҳамаҷониба тақвият бахшад,- таъкид кард Маҳмадтоир Зокирзода.

Зимнан, таъкид шуд, ки вазифаҳои дар назди вакилон қарордошта тақозо менамоянд, ки фаъолияти Маҷлиси Олӣ ҷиҳати қабули қонунҳои саривақтии мукаммал ва босифат боз ҳам тақвият бахшида шавад. Ин масъала дар навбати худ ҳамкории доимии парламентро бо дигар мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, аз ҷумла бо субъектҳои дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқ, талаб менамояд.

Маҳмадтоир Зокирзода иброз дошт, ки таъмини амнияти озуқаворӣ, бахусус истеҳсоли маҳсулоти ниёзи аввал, аз ҷумла ғалла, картошка, маҳсулоти гӯштӣ, тухм ва равған, хеле муҳим мебошад. Дар ин самт вазифаи мутасаддиёни ҳар як ноҳия ва Ҷамоати деҳот сафарбар кардани мардум ба вусъати корҳои саҳроӣ, истифодаи самараноки заминҳои кишт, бахусус заминҳои наздиҳавлигӣ, мебошад. Бо ҷалби соҳибкорону ташаббускорон ҳар ҷӣ бештар фермаҳои чорводориву корхонаҳои парандапарвариро ташкил бояд кард.

- Масъалаи дигар торафт мураккаб гаштани вазъи минтақа ва ҷаҳон мебошад. Аз ин рӯ, мо бояд бо мақсади ба таври боэътимод таъмин кардани амнияти давлат ва ҷомеа тамоми чораву тадбирҳоро амалӣ намоем, - гуфт Маҳмадтоир Зокирзода.

Раиси Маҷлиси намояндагон, инчунин, дар хусуси риояи қатъии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», самараноку мақсаднок истифода бурдани қувваи барқ ва сари вақт пардохт кардани ҳаққи хизматрасонии он ва дигар масъалаҳои рӯзмарра ибрози андеша карда, ба саволҳои иштирокчиёни мулоқот посух дод.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# МУЛОҚОТИ ВАКИЛОН БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН

**Дар толори Идораи барқи шаҳри Хуҷанд, Беморхонаи клиникавии шаҳрии №1 - и ба номи Султон Ӯрунов, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 28, Литсейи касбӣ - техникии шаҳр бо кормандони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлати шаҳр, намояндагони корхонаҳои саноатӣ, барқ, маориф, тандурустӣ ва фаъолони маҳаллаҳои Бофанда, Шарқ, Тути калон, ба номи Содирхон Ҳофиз вохӯриҳои судманд ва хотирмон баргузор шуданд.**

Дар вохӯриҳо муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раънохон Бобоҷониён муҳимтарин нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳу тавзеҳ дода, аз таҳкими соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар, амалишавии ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат ва дастовардҳои мардуми мамлакат дар солҳои соҳибистиқлолӣ маълумот доданд.

Мавриди зикр аст, ки дар ин вохӯриҳо 520 нафар интихобкунанда ширкат варзиданд ва дар бинои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд 15 нафар шаҳрванд аз ҷониби вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раънохон Бобоҷониён қабул гардида, дархосту пешниҳоди онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

**Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодири Қосим бо мақсади шарҳу тавзеҳи Паёми Пешвои миллат дар ноҳияи Рӯшон бо интихобкунандагон мулоқот кард.**

- Иҷрои босамари бандҳои муҳими Паёми Роҳбари давлат ба ҳар шаҳрванди ҷумҳурӣ, сарфи назар аз касбу кор ва мансабу мақом вобастагии зич дорад. Ҳамбастагӣ, муттаҳидӣ ва ҳамкории судманд миёни сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ ба хотири расидан ба ҳадафи ниҳоӣ яке аз дигар омилҳо ба шумор меравад. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёмашон нақши сокинони мамлакатро дар амалӣ намудани барномаҳои иқтисодию иҷтимоӣ беназир унвон карда, чунин изҳор доштанд: «Маҳз бо шарофати заҳмати содиқонаи мардуми мамлакат раванди созандагиву ободкорӣ бомаром идома ёфта, нақшаву барномаҳои пешбинигардида бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакат ҳадафмандона амалӣ карда мешаванд», - иброз дошт Қодири Қосим.

Номбурда, ҳамчунин, гуфт, ки дар Паёми солона Пешвои миллат ба масъалаи бунёди неругоҳҳои барқи обӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, иброз доштанд, ки «механизми маблағгузории фондҳои махсус дар самти роҳандозии барномаву лоиҳаҳои мақсадноки рушди «иқтисоди сабз», аз ҷумла «энергияи сабз» бояд васеъ ҷорӣ карда шавад. Ҳоло 98 фоизи барқ дар неругоҳҳои барқӣ - обӣ истеҳсол карда мешавад ва аз рӯи ин нишондиҳанда ҷумҳурии мо дар ҷаҳон дар ҷои шашум қарор дорад. Аз рӯи истихроҷи газҳои гулхонаӣ Тоҷикистон дар мақоми баландтарин ҷой гирифтааст».

Бинобар ин, раванди истеҳсол ва тавсеаи «энергияи сабз» минбаъд низ дар мамлакат равнақ меёбад. Ҳоло сохтмони Неругоҳи барқи обии «Себзор» ба маблағи 612 миллион сомонӣ дар ноҳияи Рошткалъа, неругоҳҳои бодию офтобӣ дар ноҳияи Мурғоб ба маблағи 170 миллион сомонӣ бомаром идома дорад. Бо пайдо гардидани имконоти молӣ бунёди яке аз дигар неругоҳҳои нисбатан бузург бо номи НБО «Санобод» дар ноҳияи Рӯшон оғоз мегардад.

**Чоруми январи соли 2023 дар Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан доир ба шарҳу тавзеҳи нуктаҳои Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Паём роҳнамои мост» бо фаъолони шаҳр мулоқот баргузор шуд.**

Дар он вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуҷаббор Умарзода ва Муҷибахон Ҷавҳарӣ ширкат варзида, нишондодҳои Паёми Президенти мамлакатро барои иштирокчиён таҳлил карданд.

- Паёми Роҳбари давлат фарогири самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат буда, ҳуҷҷати муҳим ва роҳнамои зиндагии ҳар фарди кишвар ба ҳисоб меравад. Бо ёдоварӣ аз нуктаҳои муҳими Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба вазъи мураккаби ҷаҳон дар соли 2022 дар Тоҷикистон соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ рушд намуда, дастовардҳо афзун гардиданд, - зикр кард Муҷибахон Ҷавҳарӣ.

**Панҷуми январи соли равон дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мулоқоти вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Қурбонзода бо омӯзгорон, кормандон, донишҷӯён ва сокинони ноҳия баргузор шуд.**

Номбурда доир ба Паёми Пешвои миллат муфассал суханронӣ карда, аз ҷумла, гуфт, ки барои муайян сохтани дурнамои рушд ва инкишофи бахшҳои гуногуни хоҷагии мамлакат дар Паёми Пешвои миллат таҳия ва қабулу татбиқи якчанд ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ, аз қабили консепсия, стратегия ва беш аз панҷ барномаи давлатӣ пешбинӣ гардидааст.

- Пешвои миллат иброз намуданд, ки бо шуғли пурмаҳсул таъмин кардани аҳолӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлат ба ҳисоб рафта, барои татбиқи он қабули барномаҳои соҳавию минтақавӣ зарур аст, - ёдовар шуд вакил.

Вохӯрии Маҳмадалӣ Қурбонзода бо интихобкунандагон дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон низ сурат гирифт.

**- Соли 2022 аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф 6 миллиарду 304 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 707 миллион сомонӣ зиёд буда, қариб 19 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетро ташкил медиҳад, - ёдовар шуд вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Баҳриддин Зиёӣ панҷуми январи соли равон зимни вохӯрӣ бо интихобкунандагон дар толори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №36-и шаҳри Хуҷанд.**

Вакил, ҳамчунин, иброз дошт, ки бо истифода аз имкониятҳое, ки Давлат ва Ҳукумати мамлакат фароҳам оварда истодааст, муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олӣ бояд бо роҳи анҷом додани кашфиёту ихтироот, ҷорӣ кардани усулҳои инноватсионии пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва техникаву технологияҳои муосир дар рушди минбаъдаи иқтисоди миллиамон саҳми фаъолтар гузоранд.

Номбурда ба интихобкунандагон паҳлуҳои дигари Паёми Президенти мамлакатро тавзеҳ дода, аз ҷумла дар хусуси сол аз сол беҳтар шудани сатҳи зиндагии сокинони кишвар маълумот дод.

**Мулоқоти вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии Файзобод №11 Файзулло Наҷмидиниён ва Саодатшо Матробиён панҷуми январи соли равон дар толори Кохи фарҳанги деҳоти «Меҳробод»-и ноҳияи Нуробод сурат гирифт.**

Вакилони Маҷлиси намояндагон доир ба муҳтавои Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ карда, онро дастури раҳнамунсоз барои пешбурди ҳама соҳаи хоҷагии халқи мамлакат маънидод карданд. Аз ҷумла, зикр гардид, ки тарбияи фарзандон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ, инчунин риоя кардани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» яке аз дастурҳои муҳимест, ки сокинон бояд ба назар гиранд.

Вохӯриву суҳбатҳо доир ба Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар дигар ташкилоту муассиса ва деҳаҳои ноҳия низ бо интихобкунандагон баргузор шуд.

**Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7-и деҳаи Басмандаи деҳоти «Ваҳдат»-и ноҳияи Деваштич вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии Деваштич №24 Комрон Исмоилиён бо интихобкунандагон вохӯрӣ доир карда, нуктаҳои Паёми Роҳбари давлатро шарҳу тавзеҳ дод.**

Номбурда, аз ҷумла, оид ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар, ҳадафҳои стратегии мамлакат, зери таваҷҷуҳи хосаи Президенти мамлакат қарор доштани соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, инчунин оид ба баланд бардоштани мақоми занон ва ҷавонон дар ҷомеа, тарбияи дурусти насли наврас, ҷалби ҷавонон ба касбу ҳунар суханронӣ кард.

Сипас, иштирокчиён бо дархосту саволҳо муроҷиат карда, ҷавобҳои мушаххас гирифтанд.

**Панҷуми январи соли ҷорӣ вакили Маҷлиси намояндагон Парвиз Шодизода бо интихобкунандагон дар шаҳри Панҷакент ҷиҳати шарҳи нуктаҳои асосии Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқот намуд.**

- Дар ин ҳуҷҷати роҳнамо вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа дар соли 2022 амиқ таҳлил шуда, зикр шудааст, ки ба рағми равандҳо ва мушкилоти гуногуни сиёсӣ иқтисоди Тоҷикистон рушд карда, сатҳи некуаҳволии мардум баланд гашта, бо пазируфта шудани ташаббуси панҷуми Тоҷикистон аз ҷониби Маҷмаи умумии СММ обрӯ ва нуфузи мамлакати мо дар арсаи ҷаҳонӣ боло рафта, он чун кишвари амн ва ташаббускор шинохта шудааст, - гуфт вакил зимни баромад.

Мулоқот бо интихобкунандагон дар дигар деҳоти ноҳия низ идома ёфт.

**Дар Коллеҷи тиббии шаҳри Исфара мулоқоти вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҷибахон Ҷавҳарӣ ва Мавзуна Шамсиддинзода бо интихобкунандагон ва устодону донишҷӯёни муассисаи таълимӣ доир гардид.**

Вакилон нуктаҳои муҳими Паёми Президенти мамлакатро шарҳу тавзеҳ дода, аз дастовардҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ дар солҳои охир, бахусус аз беҳтар шудани сатҳи зиндагии мардум, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, рушди саноат ва таъмини амнияти озуқаворӣ, маълумот доданд.

Дар мулоқот, аз ҷумла, зикр гардид, ки дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳар сол ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расонида шуд.

Вохӯрии вакилони мардумӣ бо интихобкунандагон дар Ҷамоати деҳоти «Навгилем» ва «Зумрад», коргоҳи дӯзандагии «Салимабону» - и маркази шаҳр низ баргузор шуд.

**Дар Ҷамоати шаҳраки Консойи шаҳри Гулистон ҷиҳати шарҳи нуктаҳои асосии Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии вакили Маҷлиси намояндагон Раънохон Бобоҷониён бо иштироки 355 нафар сокинони шаҳрак доир гардид.**

Вакили мардумӣ роҷеъ ба амалишавии ҳадафҳои стратегии Ҳукумати ҷумҳурӣ, боло рафтани сатҳи иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар, соҳаи маориф, зан ва ҷомеа, аз ҷумла оид ба дастовардҳои даврони истиқлолият, ҳифзи оромӣ ва осудагии кишвар, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар нуктаҳои Паём, суханронӣ кард.

Интихобкунандагон зикр карданд, ки дастурҳои Паёми Роҳбари давлатро дар фаъолият ва зиндагиашон ҳамчун роҳнамои рӯзгори нек сармашқи кор хоҳанд кард.

**Мулоқоти вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии Кӯшониён №27 Шодиён Муҳаммад бо фаъолон ва сокинон дар Ҷамоати деҳоти «Меҳнатобод»-и ноҳияи Кӯшониён шашуми январи соли равон доир гардид.**

Зимни баромад номбурда зикр кард, ки ҳадафи олии Давлат ва Ҳукумати мамлакат мунтазам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум аст. Инчунин, гуфт, ки вазъи ҳассоси ҷаҳон, бахусус ба танқисии шадиди озуқаворӣ дучор гардидани чоряки кишварҳои дунё, моро водор месозад, ки ҷиҳати таъмини ҳадафи стратегиамон – таъмини амнияти озуқаворӣ тадбирҳои иловагӣ андешем.

- Солҳои охир, бо вуҷуди таъсири манфии омилҳои берунӣ, пайи ҳам омадани хушксолӣ ва маҳдудсозии содироти озуқаворӣ аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон, маҳз бо заҳмати шабонарӯзии кишоварзони мамлакат амнияти озуқаворӣ ва фаровонии бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда шуд, - гуфт вакил.

**Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳа Холмаҳмадзода ва Музаффар Маҳмудзода бо аҳолии деҳоти «Навобод», «Пахтаобод» ва «10-солагии Истиқлолият», деҳоти ба номи Турсун Тӯйчиев, «Регар» ва «Работ»-и шаҳр нуктаҳои муҳими Паёми Пешвои миллатро шарҳу тавзеҳ доданд.**

Зикр гардид, ки масъалаҳои вобаста ба мактабу маориф, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ҳифзи муқаддасоти миллӣ дар меҳвари таваҷҷуҳи Сарвари давлат қарор доранд. Пешвои миллат бо эътимод ба халқи заҳматпешаи Тоҷикистон иброз доштанд, ки мо бояд боз ҳам бештар заҳмат кашем ва барномаҳои созандаву бунёдкоронаи барои рушди давлат ва ободии Ватан тарҳрезикардаро сари вақт ва бо сифати баланд ба анҷом расонем.

- Мо бояд ватандӯсту ватанпараст бошем ва ҳаргиз фаромӯш насозем, ки эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва ҳисси баланди миллӣ омили асоситарин ва роҳи муҳимтарини рушди давлат ва ҷомеа мебошад, - таъкид карданд вакилон зимни баромад.

**Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадраҳим Юсуфӣ, Файзалӣ Идизода ва Хайрулло Амонулло зимни мулоқот бо интихобкунандагон дар маҷлисгоҳи Гимназияи ба номи Б. Ғафурови ноҳияи Рӯдакӣ нуктаҳои асосии Паёми Президенти мамлакатро таҳлил карда, дастурҳоеро, ки дар он зикр шуданд, бори дигар ба ҳозирин расонданд.**

Онҳо аз ҷумла доир ба масъалаҳои чараёни сохтмони муассисаҳои таълимӣ, ба роҳ мондани робитаи зичи волидайн бо омӯзгорон дар раванди таълиму тадрис, истифодаи мақсадноки шабакаҳои интернетӣ аз ҷониби ҷавонону наврасон, пешгирии шомилшавии ҷавонону наврасон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ, даъват ва ихтиёран сафарбаркунии онҳо ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ суҳбат оростанд.

Иштирокдорони вохӯрӣ низ дар доираи муҳокимаву музокираҳо иброз доштанд, ки дастуру ҳидоятҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки аз Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ ва мардуми шарифи Тоҷикистон бармеояд, сармашқи кор қарор медиҳанд.

**Дар толори Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Балҷувон вохӯрии вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Латифзода ва Зайниддин Сафарзода бо намояндагони касбу кори гуногун сурат гирифт.**

Гуфта шуд, ки Паёми имсолаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба беҳбуд бахшидани сатҳу сифати зиндагии мардум, таваҷҷуҳ ба табақаи ниёзманди ҷомеа, роҳандозӣ гардидани ташаббусу иқдомҳои наҷиб, баланд бардоштани музди меҳнати кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва стипендияи донишҷӯён равона гардид. Ҳамчунин, вакилони Маҷлиси намояндагон аз қабул гардидани ташаббуси панҷуми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳифзи байналмилалии пиряххо ва муқаррар кардани рӯзи махсус барои ҳифзи пиряххо маълумот доданд.

**Ҳафтуми январи соли равон вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии Хоруғ рақами 41 Гиёзода Азиз Қодир бо мақсади шарҳу таҳлили нуктаҳои Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ бо аҳли ҷамоатчигии шаҳри Хоруғ мулоқот кард.**

Ҳини вохӯрӣ таъкид шуд, ки дар баробари дигар масоили муҳим дар Паём ба бунёди иншооти саноатию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ – фарҳангӣ диққати хоса зоҳир шудааст. Яъне, бо дарназардошти афзоиш ёфтани аҳолӣ, инчунин, зиёд шудани талабот ба бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ ва манзилҳои истиқоматӣ Сарвари давлат бори дигар таъкид карданд, ки роҳбарону мутахассисони Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти марбутаро мебояд, ҳангоми бунёди иншоoту биноҳо ба риояи ҳатмии қоидаву меъёрҳои шаҳрсозӣ ва сохтмон эътибори аввалиндараҷа зоҳир намоянд.

**Вохӯрии вакил бо интихобкунандагон дар ноҳияи Ишкошим низ баргузор шуд.**

- Ба туфайли раванди созандагиву ободкорӣ дар сартосари кишвар нақшаву барномаҳои пешбинигардида ҷиҳати таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии шаҳрвандони мамлакат ҳадафмандона амалӣ шуда, пешравиҳо дар ҳамаи самтҳо ба назар мерасанд. Паёми навбатӣ роҳнамои ояндаи дурахшони кишвар буда, дар ҳаёти сиёсӣ - иҷтимоӣ, мудофиавию маърифатӣ ва иқтисодӣ - маънавӣ нақши муҳим хоҳад гузошт, - иброз намуд Гиёзода Азиз Қодир.

**- Паёми Пешвои миллат ҳадафҳои воқеии иҷтимоӣ, вазифаҳои нави стратегӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқиро фаро гирифта, барои ноил шудан ба татбиқи онҳо аз парлумон кори касбӣ ва масъулиятнокро тақозо мекунад, - иброз дошт вакили Маҷлиси намояндагон Ғиёсиддин Шарифзода зимни шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба интихобкунандагон дар ноҳияи Айнӣ ва шаҳри Панҷакент.**

Номбурда афзуд, ки зимни ироаи Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуданд, ки сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳар сол ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт.

Ғиёсиддин Шарифзода изҳори умед намуд, ки минбаъд низ мардуми заҳматкаши ноҳияи Айнӣ ва шаҳри Панҷакент дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо масъулияти баланд иҷро хоҳанд кард.



**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Мухтори АБДУЛЛО, Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**М. ИМОМНАЗАР, «Садои мардум»**

# САМТИ НАВИ ФАЪОЛИЯТ ВА ДАСТОВАРДИ АРЗАНДАИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ

(Идома аз саҳ. 1)

Ваколатҳои ҳуқуқэҷодкунии Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Дастури онҳо танзими пурра ёфтаанд. Ваколатҳои ҳуқуқэҷодкунии дигар мақомоти давлатӣ, ҳамчун субъектони ҳуқуқэҷодкунанда дар қонунҳои соҳавӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба танзим дароварда шудаанд. Бамаврид аст зикр намоем, ки субъекти ҳуқуқэҷодкунанда будани халқи Тоҷикистон дар он ифода меёбад, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳое, ки масъалаҳои муҳими ҳаёти давлатию ҷамъиятии ҷумҳуриро танзим менамоянд, бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда мешаванд. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои зикргардида ва бекор кардани онҳо низ танҳо бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ амалӣ мегардад. Моддаи 55 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар менамояд, мақомоти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шаҳрвандоне, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ надоранд, лоиҳаи қонунҳо ё таклифҳои ба қонунгузорӣ рабтдоштаро метавонанд ба воситаи мақомоте, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд ё ба воситаи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод намоянд. Далели бебаҳс аст, ки ташаббусҳои қонунгузории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пешрафти тамоми соҳаҳо нақши бориз дошта, бо мақсади ташкилу таҳкими заминаҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа ва давлат, таъмини волоияти қонун, таъмини рушду нумӯи ҷомеаи Тоҷикистон ва танзими қонунии муносибатҳои нави ҷомеа амалӣ гардидаанд.

Бо ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кодексҳои мурофиавии гражданӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиаи судии иқтисодӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мавқуф (мораторий) гузоштан ба ҳукми қатл», «Дар бораи авфи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар қонунигардонии баъзе маблағҳои онҳо», «Дар бораи авфи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар қонунигардонии молу мулк», «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм» ва як силсила қонунҳои дигар қабул шуданд. Ҷоиз ба зикри алоҳида аст, ки маҳз бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лоиҳаи ду қонуни ҳаётан муҳими миллӣ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод шуд ва аввалин маротиба дар таҷрибаи ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонун баргузор гардида буд. Аҳамияти муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонун дар он зоҳир мешавад, ки тавассути он, аз як тараф, иродаи миллионҳо нафар шаҳрвандон дар матни қонун ифода гардид. Аз тарафи дигар, шаҳрвандон бевосита дар муҳокимаи лоиҳаи қонун ва такмили он ширкат варзида, бо ҳамин роҳ масъулияти онҳо дар пешрафти ҷомеа нисбатан баланд шуд. Хулоса ин аст, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ бо иқдоми Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раванди демократии фаъолияти қонунгузорӣ оғоз гардид.

### АРЗИШҲОИ СУНЪИИ ЛИБЕРАЛӢ ВА ОРМОНҲОИ МИЛЛӢ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, ки: «Таъсис ёфтани парламенти дуmaҷлиса дар сохтори давлатдории мо дигаргунии бунёдӣ мебошад ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ имрӯз ба яке аз рукнҳои боэътимоди мақоми қонунгузори кишварамон табдил ёфтааст, зеро мутобиқи Конститутсия аз ҷониби Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ карда шудани қонунҳои қабулнамудаи Маҷлиси намояндагон кафолати муҳими қабули қонунҳои мукаммал, босифат ва ҷавобгӯ ба манфиати мардум мебошад». Касе наметавонад инкор намояд, ки бо роҳбарии муҳтарам Рустами Эмомалӣ дастовардҳои Маҷлиси миллӣ назаррас буда, вазифаи қонунгузорӣ, рисолати намояндагии ин мақом дар сатҳи хубу сифати баланд амалӣ шуда, дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди ҷомеа ва давлат низ нақши бориз дорад. Дар Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум (17-уми апрели соли 2020) Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин дастур дода буданд: «...аъзои Маҷлиси миллиро зарур аст, ки ҳангоми қабули қарорҳо ва таҳияву ҷонибдорӣ кардани қонунҳо заминаҳои иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва самаранокии онҳоро дар рушди шаҳру ноҳияҳо, шаҳраку деҳот ва беҳдошти зиндагии мардум ҳаматарафа омӯзанд ва дар ин раванд, зарурат, аҳамият ва сатҳу сифати амалишавии онҳоро низ аз мадди назар дур насозанд». Бо дилпурӣ метавон гуфт, ки аъзои Маҷлиси миллӣ бо роҳбарии муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҳидояти роҳнамунсози Пешвои миллатро меҳвари фаъолият қарор дода, нишондиҳандаҳо қобили мулоҳиза ва арзандаи ситоишанд.

Бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби муҳтарам Рустами Эмомалӣ таҳия гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» шаҳодати ин гуфта аст. Таҳияи ин қонуни мукаммал ва муҳиму саривақтӣ самти нави фаъолият ва дастоварди арзандаи муҳтарам Рустами Эмомалӣ маҳсуб мешавад. Лозим ба ёдоварист, ки аз тарафи Ҳукумати мамлакат як қатор қонунҳо, консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуда буд, ки дар онҳо тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон меҳваранд. Вале то ҳол қонуни алоҳидае, ки ин масъаларо пурра дар бар гирад, қабул нашудааст. Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ моҳи сентябри соли гузашта дар матлаби хеш бо номи «Маҷлиси миллӣ зодаи даврони истиқлолият аст» вобаста ба масъалаи мавриди назар чунин нигошта буд: «Раванди сиёсии ҷаҳони муосир дар марҳилаи ҳозира хеле зидду нақиз аст. Агар аз як тараф, баъзе аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон мехоҳанд арзишҳои сунъии либералиро, ки ба арзишҳои суннатии миллат мувофиқ нестанд, иҷборан таҳмил намоянд, аз ҷониби дигар, баъзе аз кишварҳо мехоҳанд дар ҷомеа андешаву афкори маҳдуди радикалии динӣ ва мазҳабиро роҳандозӣ намоянд, ки ба ормонҳои миллӣ мисли «истиқлолият», «ватандӯстӣ», «адолат», «баробарҳуқуқӣ» ва «таҳаммулпазирӣ» мувофиқ нестанд». Таҳияи санади меъёрии ҳуқуқии зикршуда, бо назардошти ҳаводиси ҷаҳони муосир бениҳоят муҳим буда, шаҳодати он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалияи татбиқи манфиатҳои миллӣ аз он мавқеъ баромад менамояд, ки суботу ваҳдати кишварҳо омили муҳиму асосии ноил шудан ба комёбиҳост. Дар маҷмӯъ, қонуни мазкур ҳадаф, принсипҳо ва самтҳои тарбияи ватандӯстӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии онро муқаррар карда, муносибатҳои вобаста ба ташкили заминаҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, таъмин ва танзими фаъолиятро дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон муайян менамояд.

### АЗ ТАСНИФИ ТАРБИЯ ТО РАДДАБАНДИИ ОН

Вожаи тарбия барои миллати тоҷик бениҳоят маъмул буда, моҳиятан падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогиест, ки ҳамчун фаъолияти махсуси мақсадноки инсон барои рушди шахс ва ворид шудани ӯ ба ҷараёни зиндагии воқеӣ ва бунёди ҳаёти маданӣ равона гашта, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷомеа хизмат менамояд.

Муаллифи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» муҳтарам Рустами Эмомалӣ барҳақ тарбияи ватандӯстиро фаъолияти муратаб ва мақсадноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятӣ, оила ва шаҳрвандон, ки барои ташаккули дарки баланди ватандӯстӣ дар тафаккури шаҳрвандон, ҳисси садоқат ба Ватан, омода будан ба адои қарзи шаҳрвандию уҳдадориҳои конститутсионӣ барои ҳимояи манфиатҳои Ватан нигаронда шудааст, маънидод кардааст.

Дар робита ба ин, тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ низ тасниф шуда, он маҷмӯи тадбирҳое, ки барои аз ҷониби шахс дарк намудани арзишҳои олӣ, ормонҳо, ҳадафҳо, раванд ва падидаҳои муҳими иҷтимоӣ дар ҳаёти воқеӣ, қобилияти ба роҳбарӣ гирифтани онҳо ҳамчун принсипҳои муайянкунанда ва мавқеъ дар фаъолияти амалию рафтор, ки ба хизмати сазовор ба Ватан равон карда шудааст, арзёбӣ гардидааст.

Муҳтавои баланди санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар он зоҳир мегардад, ки ҷавҳари он тарбияи шаҳрвандӣ - ватандӯстӣ, яъне маҷмӯи тадбирҳое, ки баҳри дар тафаккури шаҳрвандон тарбия намудани дарки зарурати бошууронаи хизмати фидокоронаю беғаразона ба Ватан зимни иҷрои вазифаҳои хизматӣ, меҳнатӣ ва ҷамъиятӣ, муҳаббат ба кишвари маҳбуб, ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, риояи қонун, ахлоқи ҳамида, фарҳанги умумӣ, мавқеи амиқи шаҳрвандӣ, омодагии доимӣ барои адои қарзи конститутсионӣ ва уҳдадориҳои шаҳрвандӣ, ифтихор аз дастовард ва анъанаҳои ниёкон равон карда шудааст, маҳсуб мешавад. Бо назардошти муҳимият, ба тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардида, маҷмӯи тадбирҳо, ки баҳри дар тафаккури шаҳрвандон ташаккул додани дарки бошууронаи ҳимояи Ватан, омодагӣ ба хизмати ҳарбӣ, тарбияи ҳисси ифтихор аз мансубият ба халқи худ, дастовардҳои он ва Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар, эҳтиром ба таърихи меҳан, хизмати ҳарбӣ, либоси низомӣ, ташаккули ҳисси ҳифзу ғанигардонии анъанаҳои пуршарафи ҳарбии ниёкон, абадигардонии хотираи муборизони дар роҳи ҳифзи Ватан ҳалокшуда нигаронда шудааст, меҳвар қарор гирифтаанд. Эътироф мекунам, ки қаблан аз ҷониби масъулини сохторҳои зидахл дар бораи моҳият ва ҳадафҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон гуфтааанду навиштаанд. Вале ибтикори дар ин самт амалигардида наметавонад бо таҳияи қонуни мазкур баробарвазн бошад.

### МАҚСАД, ВАЗИФА ВА ПРИНСИПҲОИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ШАҲРВАНДОН

Дар ин санади меъёрии ҳуқуқӣ ташаккул додани айнияти шаҳрвандӣ, сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллӣ, тафаккур ва ҳисси ватандӯстӣ дар ниҳоди шаҳрвандон, тарбия намудани шаҳрвандон дар рӯҳияи муносибати ватандӯстона ба ҷомеа ва давлат, масъулияти шаҳрвандӣ, омодагӣ ва қобилияти хизмат ба Ватан ташаккул ва рушди сифатҳои неки шаҳрвандӣ - иҷтимоии насли наврас ва қобилияти аз ҷониби онҳо зоҳир намудани ин сифатҳо дар раванди бунёдкориҳо ба нафъи ҷомеа ва давлат мақсадҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон муқаррар шудааст.

Бино ба муқаррароти қонуни мавриди назар вазифаҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон низ бениҳоят муҳим буда, ташаккули худшиносии миллӣ, муносибати арзанда ба шахсият, ҷомеа, давлат, ғояву арзишҳо, инчунин эҳё ва рушди онҳо, ҷалби насли наврас ба низоми арзишҳои иҷтимоию маданӣ, ки таъриху фарҳанги ғанӣ ва ба худ хоси Ватану миллатро инъикос менамояд, дар тафаккури онҳо ташаккул додани арзишҳои олии маънавию ахлоқӣ, маданӣ ва худогоҳӣ, талабот ба рушди минбаъдаи онҳо, фароҳам овардани шароити мусоид барои аз ҷониби шаҳрвандон зоҳир намудани ҳисси ватандӯстӣ, адои шоистаи қарзи ҷамъиятию давлатӣ ва ҳарбӣ тарбияи эҳтиром ба қонун, меъёрҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ҳисси масъулияти иҷтимоӣ пешбурди тарзи ҳаёти солим, ғамхорӣ ба пиронсолону наздикон, дастгирии муҳити созгор дар коллективи меҳнатӣ аз ҳамон ҷумлаанд.

Табиист, ки бидуни принсипҳо рӯи кор омадану натиҷаҳои назаррас ба бор овардани дилхоҳ ибтикор имконнопазир аст.

Муносибати мураттаби ташкилӣ, ки ҳамоҳангии кори ташкилотҳои давлатию ҷамъиятиро оид ба тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон дар бар мегиранд, кори унвонию фардӣ бо шаҳрвандон, усул ва воситаҳои гуногуншакл, ки манфиат, майлу рағбат, сатҳи таҳсилот, вазъи иҷтимоӣ ва ғайраро дар бар мегирад, гуногунҷабҳа ва алоқаманд будани самтҳои асосии тарбияи ватандӯстӣ, ба назар гирифтани хусусиятҳои миллӣ, этникӣ-маданӣ ва хусусиятҳои дигар дар ташаккули ғояҳои ватандӯстӣ ва арзёбии натиҷаи иҷрои тадбирҳои ба тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон нигарондашуда принсипҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон эътироф шудаанд.

Фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва ҷисмонии шаҳрвандон, таҳия ва татбиқи шаклҳои самараноки технологияҳои иҷтимоисози шахсияти шаҳрванд, бахусус ҷавонон, ҷалби онҳо ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ, экологӣ ва масъалаҳои дигари давлат, навсозӣ ва ғанигардонии муҳтавои тарбияи ватандӯстӣ, тақвияти масъулияти мақомоти давлатӣ ҷиҳати тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, тавсеаи субъектҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, ташкил ва такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон маҳсуб мешаванд

### СУБЪЕКТҲОИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ КИҲОАНД ВА ЧӢ РИСОЛАТ ДОРАНД?

Тибқи муқаррароти моддаи 5, субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ фарогир буда, мақомоти давлатӣ ва мақомоти дигаре, ки идоракунии соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро амалӣ мекунанд, коллективҳои меҳнатӣ, эҷодӣ, илмӣ, ҳарбӣ ва ғайра, муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои фарҳангӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) ҷамъиятию давлатии шаҳрвандон ва ҳамватанони берун аз марз истиқоматдошта, ташкилотҳои (иттиҳодияҳои) динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, воситаҳои ахбори омма ва оила аз ҳамон ҷумлаанд.

Назокати дигари қонун дар он зоҳир мегардад, ки субъектҳои тарбияи ватандӯстӣ бо восита ва имкониятҳои ба худ хос вазифаҳои соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро амалӣ менамоянд.

### САЛОҲИЯТИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРӢ ВА ВАКОЛАТҲОИ МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ ДАВЛАТӢ

Пешбурди сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, тасдиқи дурнамо, консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, ташаккул додани заминаи меъёрии ҳуқуқии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон мебошад.

Чун сухан дар бораи салоҳият рафт, табиист, ки ваколат аз мадди назар дур намондааст. Масъалаи мазкур дар моддаи 7 пешбинӣ гардида, таъмини татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, таҳияи лоиҳаи консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ва пешниҳод намудани онҳо барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳия ва қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ, ки масъалаҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандонро танзим мекунанд, муайян кардани тартиби ташкили феҳристи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки дар татбиқи барномаҳои идоравии тарбияи ватандӯстӣ иштирок мекунанд ва аз дастгирии давлатӣ бархӯрдоранд, муайян кардани воҳиди сохторӣ, ки масъалаҳои тарбияи ватандӯстиро ба зимма дорад, ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон мебошад.

### ТАШКИЛИ НИЗОМИ ДАВЛАТИИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ БА КАДОМ ХОТИР АСТ?

Тибқи талаботи моддаи 11, бо мақсади татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон низоми давлатии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, ки барои муттаҳид ва ҳамоҳангсозии кори гуногунҷабҳа дар ин соҳа нигаронда шудааст, ташкил мешавад. Низоми мавриди назар ташаккул додани талаботи давлат ҷиҳати ташкили тарбияи ватандӯстӣ, барномаҳои тарбияи ватандӯстии намуд, сатҳ ва самташон гуногунро дар бар мегирад. Сохтори низоми тарбияи ватандӯстӣ аз ташкилотҳое, ки тарбияи ватандӯстиро амалӣ менамоянд, мақомоти давлатӣ ва мақомоти дигари амалкунандаи тарбияи ватандӯстӣ, мақомоти маслиҳатию машваратӣ ва мақомоти дигаре, ки онҳо созмон додаанд, ташкилотҳое, ки таъмини тарбияи ватандӯстӣ ва арзёбии сифати тарбияи ватандӯстиро амалӣ менамоянд ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки фаъолиятро дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ амалӣ менамоянд, иборат аст. Табиист, ки оила ҳамчун зинаи ибтидоӣ дар низоми тарбияи ватандӯстӣ ҷойи махсусро ишғол мекунад. Ин нукта дар қонун махсус таъкид шудааст. Ҷанбаи дигари муҳим он аст, ки «тарбияи ватандӯстӣ муттасил буда, дар доираи барномаҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ҳамчунин барномаҳои таълимии сатҳи гуногуни таълим амалӣ карда мешавад».

Муҳимтар аз ҳама, низоми тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ба таъмини мақсадноки ташаккули мавқеи фаъоли шаҳрвандон, фарогирии ҳамаҷонибаи онҳо дар ҳалли вазифаҳои муҳими иҷтимоӣ, фароҳам овардани шароит барои ташаккул ёфтани тафаккури онҳо мутобиқ ба манфиатҳои миллӣ нигаронда шудааст. Қонунгузор муқаррар кардааст, ки низом бояд ҷавононро омода карда, намояндагони наслҳои дигарро ба чунин фаъолияти фаъолона ташвиқ намояд, ки дар он донишу таҷрибаи ҳаётӣ бо мавқеи қарзи шаҳрвандию ватандӯстӣ ва манфиатҳои шахсӣ бо манфиатҳои ҷомеа пайванд шаванд.

### САДОҚАТ ВА ҶАСОРАТ - ОМИЛИ АСОСИИ САМАРАНОКИИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ

Табиист, ки самаранокии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ба навсозӣ ва ғанӣ гардондани муҳтавои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, аз ҷумла вобаста ба фаъолияти воситаҳои ахбори омма, вобастагӣ дорад.









Бинобар ин, дар ташкилотҳое, ки тарбияи ватандӯстиро ба амал мебароранд, аз ҷумла дар муассисаҳои таълимӣ, китобхонаҳо (китобхонаҳои электронӣ (рақамӣ)) ташкил карда мешаванд, ки дастрасиро ба манбаъҳои иттилоот, низомҳои ахборотӣ-маълумотӣ ва ҷустуҷӯӣ, ҳамчунин ба манбаъҳои дигари иттилоот таъмин менамоянд. Фонди китобхонаи зикршуда бояд бо китобҳои дарсии чопӣ ва электронӣ, нашрияҳои методӣ ва даврӣ дар мавзӯи тарбияи ватандӯстӣ таъмин бошанд.

Рӯйхати нашрияҳои таълимӣ, ки барои амалӣ намудани барномаҳои тарбияи ватандӯстӣ истифода мешаванд, аз тарафи ташкилоте, ки фаъолиятро оид ба тарбияи ватандӯстӣ амалӣ менамояд, бо дарназардошти талаботи давлатӣ ба ташкили тарбияи ватандӯстӣ ва барномаҳои тарбияи ватандӯстӣ муайян карда мешавад.

Масъалаи дигар таваҷҷуҳбарангез муқаррароти қонун – «Ташкилоти амаликунандаи фаъолият оид ба тарбияи ватандӯстӣ манбаъҳои иттилоотии кушода ва дастраси умумро, ки иттилоот дар бораи фаъолияти онҳоро дорад, ташкил намуда, дастрасиро ба манбаъҳо тавассути ҷойгир намудани онҳо дар шабакаҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла дар сомонаи расмии ташкилот (мақомот) дар интернет, таъмин менамояд» маҳсуб мешавад. Шахсан ман аз он нигаронам, ки баъзеҳо мунтазам «доди ватанхоҳӣ мезананд»- у ҳангоми ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ дар ин самт бештар ба мустаор будани ному насабашон ҳавасманданд. Чунин шеваи фаъолият арзишманд будани ватандӯстиро барои тоифаи мавриди назар зери суол бурда, дурӯягиву тарсуиро ба маърaз мегузорад. Дар қонун хеле бамаврид муқаррар шудааст, ки мақомоти давлатӣ ва мақомоти дигаре, ки идоракунии соҳаи ватандӯстиро амалӣ менамоянд, ҳамчунин ташкилотҳое, ки тарбияи ватандӯстиро амалӣ мекунанд, дастрасии омори расмӣ, ки ба низоми тарбияи ватандӯстӣ дахл дорад, мониторинги низоми тарбияи ватандӯстӣ, маълумоти дигаре, ки дар ҷараёни амалисозии вазифаҳои худ, ба даст оварда мешавад, таъмин менамоянд. Ба андешаи инҷониб, аз «шарҳу тавзеҳ»-и нотавонбинон иқтибос овардан, ҳамон гунае, ки баъзе мубаллиғони Ҳукумат зимни иншои матолиби ба тарбияи ватандӯстӣ дахлдошта мекунанд, ба ҳеҷ ваҷҳ қобили қабул нест. Зеро ёдовар шудани чунин сафсатаҳо моҳиятан таблиғи он персонажҳо маҳсуб мешавад. Бо дарки масъулият метавон гуфт, ки то ҳол аз ҷониби нотавонбинон ягон далеле, ки ақаллан аз «кӯчаи воқеият гузашта бошад», ироа нагардидааст. Ноболиғеро шабеҳанд, ки ҳарфаш пеши қозӣ қадр надорад. Тафаккури мадди назари нотавонбинони давлату миллати тоҷик, беасос ва сохта мебошад. Зеро аз принсипҳои геополитикии бардурӯғ маншаъ гирифта, мухолифи тамоми арзишҳои инсонӣ аст. Ин «бузургон» таносуби дину дунёро ноҷо арзёбӣ ва андешаи тавҳидиро дар боби дину дунё нодуруст матраҳ менамоянд.

Онҳо собит карданд, ки ба арзишҳои милливу инсонӣ эҳтиром надоранд. Барояшон арзишҳои маҳдуди мазҳабӣ ва хостаҳои хоҷаҳои хориҷӣ болотар аз ҳама муқаддасоти дигар мебошад. Ҳар нафари бар зидди мардуми осоиштаи тоҷик сангаргирифта метавонад ҳамсафашон гардад ва онҳо хайрхоҳаш бошанд.

Аз «кор»-у «пайкор»-и онҳо оҳанги солҳои 90-уми асри гузашта ба гӯш мерасад, ки мехостанд тарзи зиндагии 1400 сол қаблро эҳё кунанд. «Доҳӣ»-ҳои тозазуҳури наҳзатӣ он солҳо мехостанд идеологияи тоталитариро, ки дилхоҳ андешаи созандаро буғӣ мекунад, ҷорӣ намоянд. Ба ҳеҷ ваҷҳ фаромӯш набояд кард, ки бо таъсири ин тоифа солҳои навадуми асри гузашта дар кишвар ришмонӣ, сатрпӯшонии занон, болонишин шудани ашхосе, ки чанд сураро қориазёд кардаанд, эъмори сохтмони масоҷид дар сари ҳар кӯчаву паскӯча ва ғайра «мӯд» шуда буд. Онҳое, ки ба ватандӯстӣ муносибати дуюмдараҷа доранд, шояд ба он назаранд, ки аз ҳодисаҳои солҳои навадуми асри гузашта дар Тоҷикистон вақти муайян гузашта, имкон ҳаст насли навраси аз даҳшати он солҳо ноогоҳро гумроҳ намоянд.

Биноан, бояд тамоми кӯшишро ба харҷ диҳем, то ваҳдати миллӣ ва суботи сиёсӣ осебнопазир монад. Ин аст рисолати инсонӣ ва қарзи оини ватандӯстии мо!

### ИДОРАКУНИИ НИЗОМ, ОМОДАСОЗИИ КАДРҲО ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ ЧОРАБИНИҲО

Идоракунии низоми тарбияи ватандӯстӣ дар асоси принсипҳои қонуният, демократӣ, ошкоро будани иттилооти низоми тарбияи ватандӯстӣ ва ба назар гирифтани афкори ҷомеа амалӣ шуда, моҳияти давлатию ҷамъиятӣ дорад. Ташаккули низоми ҳамкории мақомоти давлатӣ ва мақомоти дигари идоракунӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ, амалӣ намудани банақшагирии стратегии рушди низоми тарбияи ватандӯстӣ, қабул ва амалӣ намудани барномаҳои давлатии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, гузарондани мониторинг дар низоми тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, омода намудан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти давлатӣ ва мақомоти дигаре, ки идоракуниро дар соҳаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон амалӣ менамоянд, ҷузъҳои ин раванд маҳсуб мешаванд. Вобаста ба ин, дар моддаи 17 муқаррар шудааст, ки тарбияи ватандӯстӣ аз ҷониби мутахассисоне, ки барои ҳалли самараноки вазифаҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон лаёқат доранд, мувофиқи стандартҳои таълимии давлатӣ таъмин карда мешавад.

Таълим бо барномаҳои иловагии касбӣ дар як вақт, муттасил ва давра ба давра, аз ҷумла тавассути азхудкунии дарсҳои алоҳидаи таълимӣ, курсҳо, фанҳо, модулҳо, таҷрибаомӯзӣ бо истифода аз шаклҳои шабакавӣ, бо тартиби муқаррарнамудаи барномаи таълимӣ ё шартномаи таҳсилот амалӣ мешавад.

Таъмини молиявӣ-иқтисодии тарбияи ватандӯстӣ низ аз мадди назар дур намонда, аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатии сатҳи гуногун ва сарчашмаҳои дигар, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, амалӣ мешавад.

Тибқи муқаррароти қонун, барои маблағгузории чорабиниҳои тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ташкил намудани фондҳои махсус мумкин аст. Тартиби ташаккул ва хароҷоти воситаҳои фондҳо, ташкилотҳои хайрия, сарпарастон ва ташкилоти дигарро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Дар матлаби «Маҷлиси миллӣ зодаи даврони истиқлолият аст», ки дар оғози матлаб ёдрас шудем, Раиси Маҷлиси миллӣ муҳтарам Рустами Эмомалӣ таъкид карда буд, ки «Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти ҳидояту роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон минбаъд низ баҳри тақвияти соҳибистиқлолии мамлакат дар арсаҳои гуногун ва фароҳамории таҳкурсии боэътимоди меъёрии ҳуқуқии рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии он талош хоҳад варзид. Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давраи хеле ҳассоси геополитикии муосир ҳифзи эътимоди байни давлату ҷомеаро кафили таъмини суботу амнияти кишвар мешуморад ва фаъолияти қонунэҷодкуниро ҳадафмандонаю амалгароёна ба ин самт равона месозад».

Таҳия, қабул, ҷонибдорӣ ва мавриди амал қарор гирифтани қонуни мазкур шаҳодати он аст, ки Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат ва рисолати хеш комёб аст.

Дар фарҷом аз сохторҳои дахлдор, аз ҷумла вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, кумитаҳои ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тақозо менамоем, ки бетаъхир барои татбиқи ин санади муҳими меъёрии ҳуқуқӣ тадбирандешӣ намоянд.

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

Мушкилот ва пешниҳод

# МУАССИСАҲОИ ИСЛОҲӢ:
# ҶОЙИ ИСЛОҲШАВӢ Ё «ТАКМИЛИ ИХТИСОС»-И ҶИНОЯТКОРОН?

**Дар ҳар як мамлакат бо мақсади ислоҳи маҳкумшудагон муассисаҳои ислоҳӣ мавҷуд аст, ки шароити гуногун доранд. Дар ин муассисаҳо иддае аз шахсони дар гузашта ҷинояткор аз карда пушаймон гашта, ислоҳ мешаванд. Мутаассифона, қисми дигари маҳкумшудагон дар чунин муассисаҳо бо ҷинояткорони ашаддӣ ҳамнишин шуда, гӯё «ихтисосашон»-ро такмил медиҳанду баъди ба озодӣ баромадан ҷиноятҳои нисбатан вазнин содир мекунанд.**

Яке аз роҳҳои ислоҳшавии ашхоси аз озодӣ маҳрумшуда ба мутолиаи китоб ҷалб кардани онҳост, зеро китоб ба рушди маънавию ақлонии шахс мусоидат карда, самараи терапевтӣ дорад. Мутолиа хотираро мустаҳкам, ҷаҳонбиниро васеъ ва камақлии даврони пириро пешгирӣ мекунад. Ба гуфтаи А. П. Чехов: «Ҳар қадар инсон аз ҷиҳати маънавию ақлонӣ рушд намояд, ҳамон андоза аз ҳаёт бештар қаноатмандӣ ҳосил мекунад».



Ҳукумати Бразилия манфиати мутолиа барои ислоҳшавии шахсиятро ба эътибор гирифта, ба хотири ҷалби маҳкумшудагон ба мутолиаи китоб имтиёзи хос муқаррар намуд. Касе ки як китобро пурра мутолиа карда, қисматҳои асосии онро баён кунад, муҳлати маҳрумият аз озодиаш 4 рӯз кам карда мешавад. Ҳамин тавр, касе ки дар як сол 12 китоб хонад, 50 рӯз пештар ба озодӣ хоҳад баромад. Комиссияи махсус баъди саволу ҷавоб чанд китоб хондани маҳбусро тасдиқ хоҳад кард. Таҷрибаи мазкур дар ислоҳшавию босаводтар гаштани маҳбусон кумак мерасонад.

Чандин шахсияти машҳур зимни дар муассисаҳои ислоҳӣ буданашон вақтро беҳуда нагузаронида, бо китобхонӣ донишашонро зиёд кардаанд. Чунончи, собиқ директори Институти илмӣ-табиии Академияи илмҳои ИҶШС Николай Морозов, ки дар таҳқиқоти илмҳои физикаю химия солҳои 20-уми асри XX дар ҷаҳон ҳамто надошт, дар замони шоҳӣ барои ширкат дар сӯиқасд ба император Александр ба муҳлати 25 сол ҳабс шуда буд.

Маҳз дар муассисаи ислоҳӣ ин донишҷӯи ҷавон мустақилона 11 забон (фаронсавӣ, англисӣ, итолиёӣ, испанӣ, олмонӣ, лотинӣ, яҳудии қадим, юнонӣ, славянии қадим, украинӣ ва лаҳистонӣ)-ро омӯхт. Дар ин муддат ба физика, химия, астрономия, математика, фалсафа ва иқтисодиёти сиёсӣ рӯ овард. Баъди ба озодӣ баромадан Н. Морозов ба роҳи илм рафта, 26 рисолаи илмӣ навишт. Ӯ ихтиёрӣ дар 88-солагиаш ҳамчун мерган (снайпер) дар ҷанги зидди фашистон ширкат варзида, бо медали «Барои мудофиаи Ленинград» ва ордени Ленин мушарраф гардидааст. Н. Морозов дар таърих ҳамчун калонсолтарин иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ сабт гардидааст. Ин олими маъруф соли 1946 дар 92-солагиаш фавтид.

Устоди Донишгоҳи Ҷорҷтауни ИМА, профессор Шон Ҳопвуд низ чанд солро дар муассисаи ислоҳӣ сипарӣ кардааст. Шон зодаи иёлати Небраска буда, пас аз хизмати ҳарбӣ дар флоти ҳарбӣ - баҳрии Амрико ба маводи мухаддиру машруботи спиртӣ дил баст. Соли 1997 ҳамроҳи рафиқаш бо таҳдиди силоҳ аз яке аз бонкҳо 50 ҳазор долларро гирифта гурехт. Баъд аз ин боз чор бонкро ғорат карда, ба даст афтод. Шон дар 23-солагиаш аз озодӣ маҳрум шуда, 10 солро дар муассисаи ислоҳӣ гузаронд. Ӯ аксар вақташро сарфи китобхонӣ кард. Соли 2008 дар 33-солагиаш ба озодӣ баромада, донишҷӯи Донишгоҳи ҳуқуқ гардид. Баъди хатми донишгоҳ даст ба фаъолияти адвокатӣ зад. Сипас устоди донишгоҳ гашта, якчанд китобаш аз чоп баромад. Шон Ҳопвуд худро барои хатоҳои даврони ҷавониаш маломат карда, донишҷӯёнро ба самаранок истифода бурдани вақт ва бештар мутолиа кардани китоб даъват менамояд, зеро ӯ дар мисоли хеш дид, ки хондани китоб метавонад роҳи зиндагии шахсро ба самти мусбат тағйир диҳад.

Манфиати мутолиаи китобро ба назар гирифта, ҳоло дар бисёр муассисаҳои ислоҳии ҷаҳон ҳатто китобхонаҳои электронӣ кушодаанд. Дар китобхонаҳои маъмулӣ бошад, китобу рӯзномаю маҷаллаҳои илмӣ, фарҳангӣ ва энсиклопедиро дар ихтиёри маҳбусон мегузоранд.

Овардани адабиёти экстремистӣ, эротикӣ, топографӣ, варзиши яккаҳарбӣ, силоҳсозӣ, психологӣ мамнӯъ аст. Китобҳои вобаста ба гулу растанипарварӣ, боғдорӣ, таърих, романҳои саргузаштӣ, омӯзиши илмҳои табиӣ - риёзӣ ва тарбиявӣ - ахлоқӣ талабгорони бештар доранд.

Муҳаққиқон натиҷаи китобхонии маҳкумшудагонро муқоиса карда, ба хулоса омадаанд, ки воқеан китоб беҳтарин ғамгусор ва тарбияткунанда аст. Китоб шахсони гирифтори кулфату ғам ва хашму асабониятро аз олами ғуссаю ҳузн ба дунёи шодию нишот ва ободкорию созандагӣ мебарад. Ҳақ бар ҷониби Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ аст, ки фармудааст:

**Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,**
**Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.**
**Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ,**
**Сад роҳате асту ҳаргиз озоре нест.**

**С. СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

Варзиш

# НАХУСТИН МУҲОРИБАИ ВАРЗИШГАРИ ТОҶИК ДАР UFC

**Бисту шашуми феврали соли равон аввалин муҳорибаи размовари шинохтаи тоҷик Нурулло Алиев дар ташкилоти UFC баргузор мегардад. Он дар Лас-Вегаси Амрико сурат гирифта, ҳарифи варзишгари тоҷик Рафаэл Алвеси бразилиягист.**



UFC аз ҷумлаи маъруфтарин ташкилотҳои варзишӣ ба ҳисоб рафта, аксари варзишгарони муҳорибаҳои омехта кӯшиш мекунанд, ки шартномаи онро ба даст оранд. Нурулло Алиев моҳи сентябри соли гузашта баъди пирӯзӣ дар сабқатҳои Dana White's Contender Series (роҳ ба сӯи UFC) дар даври аввали рақобат тариқи нокаути техникӣ Ҷош Уикро мағлуб карда, роҳхат барои иштирок дар муҳорибаҳои асосиро ба даст овард.

Ҳамин тавр, варзишгари тоҷик бо ширкати UFC шартнома ба имзо расонда, аввалин размовари тоҷик дар ин ташкилот гардид.

Нурулло Алиев чанде пеш зимни мусоҳиба гуфт, ки дар Амрико тамрин карда истодааст ва ба ҳисоби миёна моҳе аз 8 то 10 ҳазор доллари амрикоӣ харҷ мекунад.

Ҳамчунин, ӯ пеши худ мақсад гузоштааст, ки дар ду соли оянда ё чемпиони UFC дар вазни сабук мешавад ва ё ҳадди ақал ба панҷгонаи беҳтарин шомил мегардад.

**Ҳ. ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**


БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 413317 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34 ба номи Д. Зокирови Ҷамоати Хистеварз | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 30.01.2023 14:26:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**



Funded by European Union Humanitarian Aid · IFRC · German Red Cross · Finnish Red Cross · Croce Rossa Italiana

**Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) дар чорчӯбаи лоиҳаи «Суръат бахшидани фаъолиятҳои маҳаллӣ дар шароити буҳронҳои гуманитарӣ ва тандурустӣ», ки аз тарафи Иттиҳоди Аврупо (DG ECHO) ва шарикони рушд маблағгузорӣ шуда истодааст, ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерӣ ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хоҳишмандро ба озмуни тендерӣ даъват менамояд.**

**Лоти 1: Гузаронидани тренинг оид ба расонидани ёрии аввал ва кумаки равонӣ-иҷтимоӣ барои кормандон ва фаъолони КМ ва ҲФ дар яке аз меҳмонхонаҳои шаҳри Хуҷанд;**

**Лоти 2: Гузаронидани 21 тренинг оид ба расонидани ёрии аввал, кумаки равонӣ-иҷтимоӣ ва асосҳои WASH (обтаъминкунӣ, санитария ва гигиена) барои аъзои КМ ва ҲФ дар 21 деҳаи мақсадноки лоиҳа;**

**Лоти 3: Таҳия ва чопи маводи иттилоотӣ.**

Барои иштирок дар озмуни тендерии баргузоршаванда нусхаи ҳуҷҷатҳои расмӣ ва маълумотнома оид ба қарздор набудан дар назди буҷети давлатиро пешниҳод кардан лозим аст.

Барои гирифтани маълумот оид ба озмуни тендерӣ, ҳама шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ метавонанд ба суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Умари Хайём - 120, телефони тамос: 224-42-85, шуъбаи таъминоти моддии техникӣ муроҷиат кунанд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳое, ки нархҳои пешниҳодшуда дар онҳо нисбатан паст нишон дода шудаанд, қобили қабул намешуморад.

**Муҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо то 31-уми январи соли 2023, соати 9⁰⁰ муқаррар шудааст.**



## ПРИГЛАШЕНИЕ НА УЧАСТИЕ В КОНКУРСЕ НА ЗАМЕЩЕНИЕ ВАКАНТНОЙ ДОЛЖНОСТИ

**Правительство Республики Таджикистан при поддержке Всемирного банка приступает к реализации «Проект по улучшению управления водными ресурсами и ирригацией в Таджикистане» (ПУУВРИТ)**

**Целью предоставления консалтинговых услуг является оказание консультативной помощи в реализации проекта (АВП по техническим, финансовым, юридическим, экологическим, социальным и гендерным вопросам, институциональным и коммуникационным вопросам).**

**В рамках проекта намеревается создание рабочих мест и ГУ ЦУП «УВРФД» объявляет конкурс на замещение следующих вакантных должностей:**

| № | Вакантная позиция | Квалификационные требование |
|---|---|---|
| 1 | Помощник менеджера ЦУП (местный) 1 позиция | Высшее образование и опыт административных систем и в управлении административными делами офиса ЦУП, включая заполнение всех документов. Не менее 3-х лет опыта работы в международных проектах в т.ч. в проектах ВБ. Хорошие знания компьютера, знание программ Word, Excel. Отличные знания письменного и устного русского и таджикского языков. Знание английского языка является преимуществом. |
| 2 | Специалист по выплатам (местный) 1 позиция | Диплом университета в области бухгалтерского учета или экономики; по крайней мере 5 лет профессионального опыта; опыт работы с государственными организациями, опыт работы в международных проектах, включая проекты Всемирного банка, знание финансовых процедур ВБ и РТ; полное владение и умение работать с текстами, электронными таблицами и программой 1С- бухгалтерского учета; высокое чувство ответственности; отличные коммуникативные навыки и командный дух; честность и порядочность; хорошие навыки общения на русском и таджикском языках - устные и письменные навыки; знание английского языка было бы желательным. |

Заинтересованные лица должны представить полный комплект перечисленных ниже документов в запечатанном пакете с обязательным указанием вакантной должности.

- ✓ Заявление на участие в конкурсе
- ✓ Резюме (CV) обязательно на английском и на русском языке
- ✓ Копия диплома об образовании
- ✓ Копия паспорта
- ✓ Копия трудовой книжки
- ✓ Копии ИНН, СИН
- ✓ Справка об отсутствии судимости
- ✓ Медицинская справка о здоровье
- ✓ Справка о место жительства
- ✓ Фотография 3 x 4 (4 штук).

Документы представляются по адресу: г. Душанбе, ул. Шамси - 5/1 (здание Министерства энергетики и водных ресурсов, левое крыло, 9-й этаж, кабинет 6 офис ЦУП УВРФД).

Окончательный срок представления документов - 23 января 2023 года до 10⁰⁰ часов по местному времени.

Неполный пакет документов, а также документы, поданные после указанного срока, не будут рассматриваться.

Только те кандидаты, которые отвечают квалификационным требованиям, попадут в короткий список и будут приглашены на собеседование.


## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Пушкин, бинои 16/4, квартираи 2 ба Маҳмудов Суҳроб Рустамович додааст, эътибор надорад.

✓ Нусхаи шартномаи хариду фурӯши №292045- и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 26-уми феврали соли 2020 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Пушкин, бинои 16/4, квартираи №2 ба Маҳмудов Суҳроб Рустамович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти №0176117- и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 24-уми июни соли 2015 ба Норов Зафаржан (РЯМ 6030104841, РМА 605715573) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи А №245342-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии 24-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 1994 ба Каримов Хуршед Саидович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба моликияти №21616-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 10-уми январи соли 2020 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, бинои 93/2, квартираи 18 ба Сафаралиев Раҷаб Нурович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Фрунзе (ҳоло Сино)-и шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Навоӣ, бинои 37, квартираи 47 ба Муминов Абдуҷаббор додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии гумшудаи силсилаи Т- ШТУ №0099920-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2007 ба Таджибоев Олимджон Кобилджонович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-и Сино - 1 шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Меҳнатобод, ҳавлии №92 ба Акбаров Каримхон додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлии истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Меҳнатобод, ҳавлии №92 ба Акбаров Каримхон додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, бинои 85, квартираи 18 ба Туйчиева Сурайё Нозирҷоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Дастгоҳи хазинавии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Авғонов Алиҷон Абдусамадович (РЯМ 0130159325) додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти №451- и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Қубодиён 31-уми августи соли 2012 ба Бобомуродов Ихтиёр Холмуродович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ бо РМА №1930038211-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Восеъ соли 2014 ба Қирғизов Қобилҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии силсилаи ШМ №0010605 ва талони техникии силсилаи ТЛ №0011989-и гумшудаи экскаватор, ки онро БНДТК-ии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Зувайдов Амриддин Аҷикулоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Варақаи бақайдгирии №1015391- и гумшуда, ки онро Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23-юми апрели соли 2022 ба шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Фардин Амирӣ (шиносномаи шаҳрвандиаш- 0011614) додааст, эътибор надорад.

✓ Муҳр ва шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии гумшуда таҳти №004-1034 «А», мутааллиқ ба Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази дастгирии Ҷамоати Чоркӯҳ»-и шаҳри Исфара, эътибор надорад.

✓ Муҳр ва шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии гумшуда таҳти №004-317 «А», мутааллиқ ба Ташкилоти ҷамъиятии «Хоҷаи Аъло»-и шаҳри Исфара, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0070279- и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Қубодиён таҳти №469 аз 5-уми феврали соли 2017 ба Исоев Равшан додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т- АТА №1306109- и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34-и ноҳияи Қубодиён соли 2022 ба Қосимова Субҳинисо додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии силсилаи Б-19010-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи таҳқиқотии технологӣ, Донишкадаи пӯлод ва хӯлаи Москва дар шаҳри Душанбе (филиали МИСиС) соли 2019 ба Ҷӯразода Фирдавси Муқимҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми синфи нуҳум бо рақами 073794-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13-и шаҳри Ҳисор соли 2001 ба Расулов Сайфидин Раҷабалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, бинои 6/1, квартираи 1 ба Валиева Назира Абдусаломовна додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Мужда барқ», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0147347 аз 20-уми декабри соли 2010 (РЯМ 0210012239, РМА 020034139) мебошад фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Тоҷлинк», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0266006 бо РЯМ 0210020315 буда, дар Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 21-уми апрели соли 2014 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Юнифан» (РЯМ 0410026165), ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0266509 буда, дар Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 15-уми сентябри соли 2014 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми муҳлати муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Армэл» (РЯМ 0410032265), ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0280688 аз 10-уми августи соли 2018 мебошад, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Каргосервис экспресс» (РЯМ 0210027217, РМА 020052054), ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии 0281223 мебошад, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Каргосервис» (РЯМ 0210023899, РМА 020048057), ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии 0265567 мебошад, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва маводи мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**


Конститутсия - кафолати рушди ҷомеа, давлатдорӣ ва волоияти қонун

Садои мардум

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев ва Фарзона Файзалиева*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97*

*Ба чопаш 10 январи соли 2023, соати 14:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35455 нусха*

Навбатдорони шумора
Н. Низомӣ ва Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров